**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-108 –и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050612 – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ.**

“22” 07 соли 2026 №1/КТ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-108–и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267”) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050612 – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А.;
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода Э.Н.;
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Садриддинов М.И.

3. Тибқи банди 60-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати то 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,** **Раҳматзода Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шодиев К.Қ.**